**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови
Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа, профессор
Маҳмадизода Н.Д.______________
“24” ___04___ 2024

# ХУЛОСАИ

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба рисолаи номзадии Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзӯи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ», ки дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст, дода мешавад.**

Рисолаи номзадии Аминов Бахтиёр Усмонович дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Аминов Б.У. соли 2010 факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз руйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ – Шамсов Муборакшо Саловудинович - номзади илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи Таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад. Мавзӯи диссертатсияи номзадии Аминов Б.У. дар ҷаласаи Шӯрои илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов аз 29.12.2020, суратмаҷлиси №11 мавриди таҳлил ва муҳокима қарор гирифта тасдиқ шудааст.

Аз рӯйи ҷамъбасти муҳокимаи диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзӯи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи “Унвону-л-баён”-и Абдуллоҳи Шабровӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф таҳқиқоти густурда ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ диссертант аз усул ва равишҳои маъмулии илмҳои фалсафӣ истифода намуда, марҳилаҳои ташаккули таълимоти ахлоқӣ дар асрҳои миёнаро мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ комёб гардидааст. Аз ҷумла, таҳқиқи масъалаи ахлоқ (этика) дар таърихи фалсафа аз замонҳои қадим, то ҳанӯз идома дошта, меъёрҳои он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ вижагиҳои ба худ хосро дорад. Дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқони муосир муайян мегардад, ки масъалаҳои ахлоқ бо тарзу усулҳои гуногун мавриди баррасӣ мегиранд ва он омилҳои зиёду мушкилоти бисёреро дар бар мегирад. Омӯзишу баррасии ин мушкилот ба равишҳои гуногун ва бо такя ба марҳилаҳои тараққии илм ва афкори фалсафӣ мубрам ва муҳим мебошад.

Дар марҳилае, ки Ҷумҳурии Тоҷикиситон ба бунёд ва таҳкими давлатдории миллӣ машғул аст, омӯзиши афкори фалсафӣ-ахлоқии ниёгон ва мероси гаронарзиши онҳо аз аҳамият холӣ нест. Омӯзиш ва таҳқиқи мероси гузаштагон масъулияти аввалиндараҷаи илм ба шумор меравад. Дар ин масири пуртазод ва ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо таълимоти фалсафӣ-ахлоқии мутафаккирони ҷаҳони пурғановати илм, махсусан асрҳои миёна аҳамияти хоса пайдо менамояд. Аз ин лиҳоз дарки дурусти ин мероси гаронарзиш, аз ҷумла омӯзиши таълимоти фалсафӣ-ахлоқии мутафаккирон ба монанди: Арасту, Абунасри Форобӣ,

Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насриддини Тусӣ, Саъдии Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Ҷалолиддини Даввонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон ниҳоят муҳим мебошад. Абдуллоҳи Шабровӣ аз ҷумлаи чунин мутафаккироне мебошад, ки дар илми ахлоқ саҳми ба ғоят назаррас дорад. Мутафаккмроне, ки то замони Абдуллоҳи Шабровӣ ба сар бурданд, вобаста ба идеологияи замони худ дар самти илми ахлоқ афкори иҷтимоӣ-ахлоқии хосро баён карданд. Хусусияти таълимоти ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ дар он аст, ки ӯ арзишҳои ахлоқиро ба ғояҳои тозаи худ баён мекунад. Ӯ дар илми фалсафа, ахлоқ ва ҷомеашиносӣ назари тозаи худро дорад. Дар натиҷаи талошҳои ӯ арзишҳои ахлоқӣ дар як қатор мамлакатҳои Шарқ ҷавҳари тозаи худро ҷило доданд. Махсусан дар ҳавзаҳои илмии Миср, Шом, Осиёи Хурд, Покистон, Ҳиндустон, Хуросону Мовароуннаҳр ва монанди инҳо омӯзиши афкори фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ дар асрҳои XVIII-XIX хеле афзуд. Таҳқиқи андешаҳои ахлоқии ин мутафаккир айни замон барои тарбияи насли ояндасози ҷомеа хеле муҳим мебошад.

Диссертант қайд мекунад, ки Абдуллоҳи Шабровӣ дар масъалаи таълимоти ахлоқ роҳи фарқкунандаеро паймудааст, ки маҳсули он дар осораш инъикос гардидааст. Назарияи мукаммали гуманистӣ-ахлоқии худро дар "Унвону-л-баён" ба таври мукаммал баён кардааст. Абдуллоҳи Шабровӣ то ҳадде кӯшиш кардааст, ки васоити наҷоти инсониятро аз ғафлату ҷаҳолат бо роҳи тарбия ва бо дарёфтани маърифати инсонӣ пайдо намояд. Илова бар ин, муҳаққиқ моҳият ва муҳтавои категорияиҳои ахлоқиро дар "Унвону-л-баён" мутафаккир шарҳу тавзеҳ дода, бо равишу усулҳои фалсафӣ ва аз мавқеи объективонаи илмӣ таҳлилу баррасӣ кардааст.

Муҳаққиқ дар омода намудани диссертатсия аз сарчашмаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи хешро оиди масъалаҳои баҳсноки илми ахлоқ дақиқ муайян кардааст. Дар

рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ, таъвил ва ғайра васеъ истифода намудааст.

Мазмуну моҳият ва муҳтавои тадқиқоти илмии Аминов Б.У., коркардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, махсусан тасаввурот оид ба ташаккули мафҳумҳо ва назарияҳои ахлоқӣ, ки дар фалсафаи асрҳои миёна ҷойгоҳи хосро пайдо карда буд, арзиши баланди илмӣ доранд.

Мақсад ва вазифаҳои кори тадқиқотӣ мувофиқ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда буда, омӯзиш ва таҳлили афкори фалсафӣ-ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ ва хусусиятҳои категорияҳои ахлоқ дар “Унвону-л-баён”-и ӯ мақсади таҳқиқоти мазкур мебошад.

Мувофиқи ҳадафи гузоштагшуда, дар таҳқиқот вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- равшанӣ андохтан ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ-фалсафии Абдуллоҳи Шабровӣ;
- омӯзиши сарчашмаҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Шабровӣ;
- омӯзиш ва таҳлили “Унвону-л-баён”-дастури таълимии илми ахлоқ;
- муайян нумудани моҳият ва хусусиятҳои категорияҳои ахлоқ дар “Унвону-л-баён”;
- муайян ва таҳлил намудани масъалаи фазилат ва разолат аз нигоҳи Абдуллоҳи Шабровӣ;
- таълимоти эҳтимолии рисолаи “Унвону-л-баён”-ро дар замони муосир барои тарбияи насли ояндасози ҷомеа муайян намудан;
- таҳлил ва баррасии назари мутафаккир нисбат ба ҷомеа;
- баррасии ақидаҳои ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ;
- баҳодиҳӣ ба саҳми Абдуллоҳи Шабровӣ дар масъалаи ахлоқ.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир

мегардад, ки муҳаққиқ кӯшиш кардааст, то дар асоси таҳлил ва омӯзиши маводи мавҷуда, моҳияти категорияҳои ахлоқ ва равиши таҳаввули онҳоро дар асри миёна, ба хусус дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ нишон диҳад.

Навгонии мазкур ба сифати муқаррароти асосии таҳқиқот барои ҳимоя ба тариқи зайл пешниҳод карда мешаванд:

- аввалин бор дар доираи илмӣ ҳаёту фаъолият ва осори Абдуллоҳи Шабровӣ ҳамчун мутафаккири озодандеш ва такмилдиҳандаи илми ахлоқ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, паҳлуҳои норавшани таълимоти ахлоқии ӯ баррасӣ гаштааст;

- дақиқ карда шуд, ки масъалаҳои ахлоқ, ки дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ инъикос гардидааст, аз ҷиҳати мазмун ва шакл ба таълимоти ахлоқии Арасту, Насриддини Тусӣ ва Ҷалолиддини Даввонӣ шабоҳат дорад. Ӯ масъалаҳои ахлоқро ба монанди: фазилат, разолат, адолат, накуҳиши нафси аммора ва монанди инҳоро мавариди таҳлил қарор додааст. Дар баробари масоили зикргардида, дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ масъалаҳои сулҳу субот, ваҳдат ва якпорчагии марзу бум мақоми хос дорад;

- аввалин бор кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаҳои ахлоқ дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ аз диди фалсафӣ таҳлилу баёни худро пайдо кунад. То ҳол таҳқиқоти ҷудогонае дар низоми муайяни илмӣ дар ин хусус сурат нагирифтааст;

- дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки Абдуллоҳи Шабровӣ ба он нуктаҳое такя менамояд, ки инсон мувофиқи талаботи он нуктаҳо ва аз рӯи табиати аслии худ мавҷуди иҷтимоӣ буда, инчунин узви ҷомеаи шаҳрвадӣ мебошад. Инсон дар ҳа ёти ҷамъиятии худ, ба он навгониҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангие, ки дучор мешавад, ба идеология ва ахлоқи ӯ бетаъсир намемонад. Ба назари ӯ муттаҳид гардидани одамон дар ҷомеа талаботи қонуни табиат аст,ки дар ин раванд ҳатман ба якдигар унс гирифта, падидаҳои мусбат ва манфие, ки

дар ҳаёти иҷтимоиашон ба вуҷуд меоянд, боиси тағйири мазмун ва шакли зиндагӣ онҳо мешавад. Масъалаи инсон ва мақоми ӯ дар таълимоти Абдуллоҳи Шабровӣ мақоми хос дорад, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

- бори нахуст моҳият ва хусусиятҳои категорияҳои ахлоқӣ дар "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ аз диди фалсафӣ-ахлоқӣ шарҳ дода шуда, умумият ва фарқияти таърифу тавсифи онҳо бо дигар мутафаккирони бахши ахлоқ нишон дода шудааст;

- муайян карда шуд, ки яке аз масъалаҳои меҳварии баҳси ахлоқ дар таълимоти мутафаккир масъалаи фазилат ва разолат буда, бори аввал баррасӣ ва мавриди омӯзишу таҳқиқи амиқи фалсафӣ қарор гирифтаанд;

- эҳтимолияти истифодаи таълимоти ахлоқӣ аз рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ дар ҷомиаи муосир барои насли ояндасоз нишон дада шуда, роҳи дурусти истифода аз он, хосса дар шароити Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ, ахлоқ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба таърихи фалсафа мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафаи тоҷик низ истифода намудан мумкин аст.

Автореферат, монография ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, мавзӯъ ва муҳтавои онро пурра дарбар гирифта, бо он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмоновия дар мавзӯи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи "Унвону-л-баён"-и Абдуллоҳи Шабровӣ» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси

09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 15 нафар, аз онҳо “тарафдор” - 15 нафар, “муқобил”-нест, “бетараф”- нест, суратҷаласаи № 2 аз
23.04. 2024 с.

**Сарходими илмии Шуъбаи таърихи фалсафаи**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва**
**ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови**
**АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент** **Диноршоева З.М.**

**Котиби ҷаласа:** **Каримова Б.**

**Имзои Диноршоева З.М. ва Каримова Б.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Нозири кадри ИФСҲ АМИТ** **Абдураҳмонзода Б.**